## Шарҳи моҳонаи таваррум • ИЮЛИ 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи июли соли 2023 ба 0,3 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,5 фоиз (0,1 б.ф.) ба амал омад. Инчунин, арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бо нишондиҳандаи манфии -0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) ҷамъбаст гардид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ дар моҳи мазкур асосан болоравии нархи биринҷ 3,4 фоиз, ангур 6,0 фоиз, тарбуз 10,0 фоиз, харбуза 21,7 фоиз, картошка 10,0 фоиз, карам 32,9 фоиз, лиму 9,6 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Ба раванди мазкур бештар омилҳои мавсимӣ таъсир расониданд.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, бинобар зиёд шудани талабот афзоиши нархи бензини АИ-92 2,3 фоиз, маводи доруворӣ 0,1 фоиз, масолеҳи таъмир ва сохтмон 0,4 фоиз, инчунин либос ва пойафзол 0,2 фоиз мушоҳида гардид.

Инчунин, дар моҳи июли соли ҷорӣ коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла помидор 26,4 фоиз, тухм 7,8 фоиз, равғани офтобпараст 4,8 фоиз, орди навъи якум 3,3 фоиз, пиёз 3,0 фоиз, сабзӣ 2,9 фоиз ва равғани пахта 1,3 фоиз, аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, пастравии нархи гази моеъ 6,8 фоиз ва ангишт 3,3 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи июли соли 2023 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 9,5 фоиз, Қазоқистон 0,6 фоиз, Россия 0,6 фоиз, Қирғизистон 0,3 фоиз, Белорус 0,3 фоиз, Ӯзбекистон -0,2 фоиз ва Арманистон -0,1 фоизро ташкил намуд.

**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (июл с.2023) | Таваррум янв-июл с.2023 | Таварруми солона (июл с.2023) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 9,5 | 31,1 | 47,8 |
| Қазоқистон | 0,6 | 5,0 | 14,0 |
| Россия | 0,6 | 3,4 | 4,3 |
| Қирғизистон | 0,3 | 5,4 | 10,3 |
| Белорус | 0,3 | 3,0 | 2,9 |
| **Тоҷикистон** | **0,3** | **2,6** | **2,3** |
| Гурҷистон | 0,0 | -1,3 | 0,3 |
| Арманистон | -0,1 | -2,4 | -0,1 |
| Ӯзбекистон | -0,2 | 3,3 | 8,9 |

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи июли соли ҷорӣ ба 2,3 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,0 банди фоизӣ кам мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи июли соли ҷорӣ дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 47,8 фоиз, Қазоқистон 14,0 фоиз, Қирғизистон 10,3 фоиз, Ӯзбекистон 8,9 фоиз, Россия 4,3 фоиз, Белорус 2,9 фоиз, Гурҷистон 0,3 фоиз ва Арманистон -0,1 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи июли соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,0 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро минбаъд низ ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | 2023 | | | | | | | Июл тағйирёбии моҳона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **4,5** | **3,6** | **3,4** | **2,4** | **2,4** | **2,3** | **0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **47,9** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **5,5** | **4,3** | **3,7** | **1,3** | **1,1** | **1,0** | **0,4** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 12,7 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | 1,7 | -2,6 | -6,6 | -10,6 | -8,7 | -8,2 | 0,0 |
| Биринҷ | 2,5 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 18,1 | 21,6 | 24,7 | 35,0 | 54,1 | 58,4 | 3,4 |
| Орд | 6,1 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -6,6 | -12,6 | -19,2 | -28,0 | -30,1 | -31,7 | -3,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,8 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | 0,0 | -0,2 | 0,9 | 3,3 | 5,3 | 7,0 | 0,1 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -3,8 | -2,5 | -1,2 | 2,5 | 6,5 | 9,6 | 0,3 |
| Тухм | 1,7 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 37,8 | 40,4 | 49,0 | 42,7 | 19,6 | -3,3 | -7,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 25,9 | 14,7 | 11,9 | 9,2 | 8,6 | 7,8 | -0,2 |
| Шир | 0,7 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 16,0 | 18,5 | 17,7 | 12,3 | 8,9 | 8,1 | -2,2 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -10,0 | -11,2 | -17,5 | -26,3 | -28,9 | -29,8 | -2,0 |
| Меваҷот | 4,4 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | -5,5 | 1,5 | 4,2 | 11,2 | 13,9 | 23,2 | 2,2 |
| Сабзавот | 7,3 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 18,6 | 23,1 | 30,2 | 20,6 | 17,1 | 14,9 | 3,1 |
| Шакар | 1,6 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -0,2 | -9,1 | -9,6 | 4,4 | 8,3 | 11,5 | -0,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,5 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,4 | 13,1 | 12,4 | 11,0 | 10,9 | 2,5 | 1,9 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **6,5** | **3,6** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **2,8** | **1,5** | **1,3** | **0,6** | **0,5** | **0,9** | **0,8** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **28,0** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **4,4** | **3,5** | **3,8** | **4,3** | **4,5** | **4,7** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 12,2 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 5,0 | 5,6 | 5,5 | 5,7 | 0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,8 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 4,2 | 2,9 | 3,3 | 5,0 | 5,8 | 5,1 | 0,4 |
| Маводи шустушӯй | 1,5 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,8 | 24,2 | 21,6 | 16,8 | 14,7 | 13,8 | 0,1 |
| Доруворӣ | 1,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 7,3 | 5,1 | 6,9 | 10,0 | 11,5 | 11,1 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,3 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -22,0 | -26,9 | -25,1 | -19,8 | -19,2 | -20,7 | -0,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,3 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 3,1 | 1,1 | -0,2 | -3,0 | -0,9 | -0,8 | -1,6 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 11,2 | 10,5 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 5,4 | 4,8 | 3,9 | 3,7 | 3,7 | 3,5 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **21,5** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,1** | **2,2** | **2,4** | **2,7** | **2,4** | **-0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 8,1 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 5,6 | 4,3 | 5,2 | 6,2 | 7,5 | 6,8 | -0,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,4 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,4 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 5,3 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,1 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -39,1 | -42,2 | -41,3 | -37,6 | -34,6 | -40,3 | -6,8 |
| Нақлиёт | 3,7 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -1,4 | -0,2 | -1,0 | -1,6 | -1,8 | -2,3 | -0,3 |
| Алоқа | 2,8 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 2,0 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,1 | 1,0 | 0,5 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,4 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,9 | 4,1 | 4,2 | 3,5 | 3,1 | 0,1 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо